2. Разработку способов освещения современной образовательной программы как мощной основы формирования культуры и будущей профессиональной деятельности специалиста.

**Ключевые слова**: образование, специалист, способность, высшая школа, методы обучения, современный этап, проектный метод, ситуационный метод, метод ролевых игр, творческое мышление.

**УДК: 364-46 364-76364-787.9**

**Ш.М. Раҳмонов**

# ФАЪОЛИЯТ, САЛОҲИЯТҲОИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОРИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА КОРМАНДОНИ ИҶТИМОӢ

**МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”**

**Раҳмонов Шариф Мадиномович -** н.и.п. сардори Раёсати таълими МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”. Тел.: (+992) 000106994

***Мақсади таҳқиқот.*** *Омӯзиши фаъолияти корманди иҷтимоӣ, салоҳиятҳои мақомоти ваколатдорӣ ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва мутахассиони кори иҷтимоӣ.*

***Мавод ва усулҳои таҳқиқот.*** *Омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба танзимдорорандаи фаъолияти мутахассиси корманди иҷтимоӣ, салоҳиятҳои мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ, омӯзиши ҳолати душвори зинадагии шахсони дорои имконияташон маҳдуд, пиронсолони танҳо, модарони серфарзанд, ятимон, шахсони гирифтори бемориҳои вазнини рӯҳӣ, вазифаи иҷтимоӣ-педагогии корманди иҷтимоӣ ва объекти фаъолияти касбии мутахассиси кори иҷтимоиро дар бар мегирад.*

***Натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳокимаи онҳо.*** *Мутахассиси корманди иҷтимоӣ ҳамчун намуди фаъолияти ҷамъиятӣ барои беҳтар намудани ҳолати фаъолияти инсон (намудҳои гуногуни бемориҳо), беҳтар гардонидани шароитҳои ҳаёти онҳо, таъмин намудани фаъолияти самаранок ва амали иҷтимоӣ, ҳамоҳангсозии низоми муносибатҳои иҷтимоӣ дар оила, коллектив ва умуман ҷомеа равона гардидааст.*

*Хизматҳои иҷтимоии маишӣ, тиббӣ, солимгардонӣ, фарҳангӣ, маълумотгирӣ, ҳуқуқӣ, офиятбахшӣ ва мутобиқгардонии иҷтимоии шахсони дорои имконияти маҳдуд ва пиронсолон омӯхта шуд.*

***Хулоса.*** *Натиҷаи таҳқиқот маълум намуд, ки фаъолияти корманди иҷтимоӣ аз як тараф ба ҳалли мушкилоти ҳамин лаҳзаинаи инсон равона шуда, аз ҷониби дигар ҷомеаро аз мушкилоти иҷтимоии сатҳи миллидошта (бемориҳо, бекорӣ, кӯмак ба шахсони дорои имконияти маҳдуд, афзудани шаклҳои гуногуни рафтори девиантӣ) огоҳӣ ва дар як вақт кӯмаки амалӣ низ менамояд, Инчунин, корманди иҷтимоӣ ба сифати ҳам равоншинос, ҳам ҷомеашинос, ҳам педагог, ҳам духтур ва ҳам ҳуқуқшинос амал мекунад.*

***Калимаҳои калидӣ:*** *корманди иҷтимоӣ, мутахассиси кори иҷтимоӣ, салоҳиятнокӣ, шахсони дорои имконияти маҳдуд, пиронсолон, ҳолати душвори зиндагӣ, кафолати иҷтимоӣ.*

***Sh.M. Rahmonov***

***ACTIVITIES, POWERS OF AUTHORIZED BODIES OF STATE POWER AND SOCIAL WORKERS***

***NOU "Medical and Social Institute of Tajikistan"***

***Rakhmonov Sharif Madinomovich*** *- n.i.p. Head of the Education Department of the State Medical and Social University of Tajikistan. Tel.: (+992) 000106994*

***Purpose of study.*** *Studying the activity of a social worker, the powers of the authorized state authorities in the field of social services and social work specialists.*

***Research material and methods:*** *The study of normative legal documents regulating the activity of a social worker specialist, the powers of the authorized state authorities, the study of the difficult situation of people with limited opportunities, the elderly alone, mothers with many children, orphans, people with serious mental illnesses, the social-pedagogical task of a social worker and the object of the specialist's professional activity, social work.*

***Study results and their review.*** *A social worker specialist is considered as a type of social activity for improving the state of human activity (various types of diseases), improving his life conditions, ensuring effective activity and social action, coordinating the system of social relations in the family, collective and society as a whole.*

*Study of social services of household is medical, health, cultural, educational, legal, rehabilitation and social adaptation of persons with limited opportunities and the elderly.*

***Conclusion:*** *On the one hand, the activity of a social worker is aimed at solving the problems of this moment of a person, and on the other hand, on the other hand, he informs the society about the social problems of the national level (diseases, unemployment, helping people with limited opportunities, the increase of various forms of deviant behavior) and at the same time helps. Also, a social worker acts as a psychologist, a sociologist, a teacher, a doctor, and a lawyer.*

***Key words:*** *Social worker, specialist in social work, competence, people with disabilities, elderly, difficult situation, social security.*

**Муҳиммият**. Ҳаёти иҷтимоии инсонҳо пайваста дар тағйироту инкишоф аст, ҳар лаҳза сохтори худро иваз менамояд, шароитҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии аҳолӣ дигаргун мегарданд. Ҳамзамон, дар ҳаёт инсонҳо аз бадбахтӣ, беморӣ, садамаҳо ва дигар ҳодисаҳои нохуш, ки шахсони алоҳида, оила ва гурӯҳҳои иҷтимоиро эхтиёҷманду мӯҳтоҷи кӯмак мегардонанд, эъмин нестанд. Мушкилоти иқтисодӣ, бекорӣ, маъюбӣ, беморӣ ва дигар ҳолатҳои ногувор ҳар лаҳза одамонро таҳдид менамояд.

Аз ин рӯ, барвақт ҷаҳониён дарк намудаанд, ки кори иҷтимоӣ ва кӯмаки мутахассисони корманди иҷтимоӣ ба ҳама гурӯҳу табақаҳо ва фардҳои алоҳида зарур мебошад, зеро дар ҳаёт ҳар як фард хоҳу нохоҳ ба кӯмаки иҷтимоӣ эҳтиёҷманд мегардад. Мушкилоти иқтисодӣ, бекорӣ, маъюбӣ, беморӣ ва дигар ҳолатҳои ногувор ҳар лаҳза одамонро таҳдид менамояд.

Кори иҷтимоӣ (мутахассиси корманди иҷтимоӣ) аз ибтидои пайдоиши ҷомеаи инсонӣ ҳамчун шакли фаъолияти амалӣ ҳамеша вуҷуд дошт.

Дар давоми асрҳои зиёд ва таърихи фарҳанги ҳалқҳои форсу тоҷик кори иҷтимоӣ дар шакли хайрхоҳӣ, кори савоб, кӯмак ба бечорагон, ғамхорӣ ба ятимону барҷомондагон, накӯкорӣ ва амсоли ин амалӣ мегардид. Бо пешрафти ҷомеа кори иҷтимоӣ низ мазмуну моҳияти тозаро касб менамуд ва дар шаклу намудҳои гуногун таҷассум меёфт. Имрӯз бошад кори иҷтимоӣ ба як намуди фаъолият ва як самти сиёсати иҷтимоии давлат табдил ёфтааст. Ҳукумату давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кӯмак ба эҳтиёҷмандон ва шахсони дорои масъулияти маҳдуд пайваста ғамхорӣ менамояд. Ҳатто дар моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад» [7]. Дар ин раванд бояд қайд намуд, ки Қариб 51%-и масрафи буҷети давлат ба соҳаи иҷтимоиёт пешбинӣ шудааст.

Вазифаи асосии мутахассиси корманди иҷтимоӣ ҳамчун намуди фаъолияти ҷамъиятӣ беҳтар намудани ҳолати инсон, беҳтар гардонидани шароитҳои ҳаётии ӯ, таъмин намудани фаъолияти самаранок ва амали иҷтимоӣ, ҳамоҳангсозии низоми муносибатҳои иҷтимоӣ дар оила, коллектив ва умуман ҷомеа ба ҳисоб меравад.

**Мақсади таҳқиқот.** Омӯзиши фаъолияти корманди иҷтимоӣ, салоҳиятҳои мақомоти ваколатдорӣ ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва мутахассиони кори иҷтимоӣ.

**Мавод ва усулҳои таҳқиқот.** Омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба танзимдарорандаи фаъолияти мутахассиси корманди иҷтимоӣ, салоҳиятҳои мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ, омӯзиши ҳолати душвори зиндагии шахсони дорои имконияташон маҳдуд, пиронсолони танҳо, модарони серфарзанд, ятимон, шахсони гирифтори бемориҳои вазнини рӯҳӣ, вазифаи иҷтимоӣ-педагогии корманди иҷтимоӣ ва объекти фаъолияти касбии мутахассиси кори иҷтимоиро дар бар мегирад.

**Натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳокимаи онҳо.** Корманди иҷтимоӣ ҳамчун намуди фаъолияти ҷамъиятӣ барои беҳтар намудани ҳолати фаъолияти инсон (намудҳои гуногуни бемориҳо), беҳтар гардонидани шароитҳои ҳаёти онҳо, таъмин намудани фаъолияти самаранок ва амали иҷтимоӣ, ҳамоҳангсозии низоми муносибатҳои иҷтимоӣ дар оила, коллектив ва умуман ҷомеа равона гардидааст.

Хизматрасони иҷтимоии маишӣ, тиббӣ, психологӣ, педагогӣ, ҳуқуқӣ мебошад, ва аз рӯи ҳамин хизматрасониҳо ба аҳоли осебпазири ҷомеа хизмат расонида мешавад [9].

Ба салоҳияти мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дохил мешаванд: таҳия ва татбиқ намудани сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва назорати иҷрои онҳо, таҳия ва амалигардонии барномаҳои давлатии хизматрасонии иҷтимоӣ, муқаррар намудани тартиби ҳамоҳангсозии фаъолият ва таъмини усули хизматрасонии иҷтимоӣ, муқаррар намудани тартиби иҷозат барои фаъолияти хизматрасонии иҷтимоӣ, муқаррар намудани ни-

зоми ягонаи давлатии ҳисоби оморӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, идора ва таъмини фаъолияти муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, ки таҳти моликияти давлатӣ қарор доранд [9].

Самти фаъолияти касбии мутахассисони "Кори иҷтимоӣ": хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва давлатӣ, дар муассисаҳои системаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, тандурустӣ, артиш, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳамзамон, ба таври инфиродӣ мустақилона фаъолият намудан бо аҳли ҷомеъа иборат мебошад [5].

Ҳадафи мутахассисони кори иҷтимоӣ мусоидат намудан дар самти ба даст овардани сатҳи баландтарини саломатӣ, фаъолият ва мутобиқшавӣ бо шахсони дорои имкониятазшон маҳдуд, дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, инчунин камбизоатии иҷтимоӣ мебошад [4].

Мутахассиси "Кори иҷтимоӣ" ба шахсоне, ки ҳолати душворӣ зиндагӣ доранд кӯмак мерасонад, инчуни ба шахсони дорои имкониятазшон маҳдуд, пиронсолони танҳо, модарони серфарзанд, ятимон, шахсони гирифтори бемориҳои вазнин, майзадагон ва нашъамандон, инчунин дигар шаҳрвандони ниёзманд кӯмаки моддию маишӣ ва дастгирии маънавӣ ва ҳуқуқӣ мерасонад. Дар ҳолати депрессияи руҳӣ дар робита бо офатҳои экологӣ, муноқишаҳои байни миллатҳо ва аз даст додани наздикон, оила, манзил ва кор кӯмаки иҷтимоӣ ва психиологӣ мерасонад, ки дар ин асос шахсон ба ҳолати душворӣ зиндагӣ дучор мешаванд [3].

Пас бояд қайд намуд, ки **ҳолати душвори зиндагӣ чист?** Ин ҳолате, ки фаъолияти мӯътадили зиндагии шаҳрвандро ба таври воқеӣ вайрон мекунад ва ё ҳолате, ки ӯ мустақилона аз он ҳолат баромада наметавонад, аз ҷумла: маъюбӣ, пиронсолӣ, беморӣ, оқибати садамаи истеҳсолӣ ва бемории ки, аз даст додани саробон, танҳоӣ, ятимӣ, беназоратӣ, набудани ҷойи муайяни истиқомат, бемории бардавоми рӯҳӣ, оқибати зӯроварӣ ва ё ҳолатҳое, ки ҳаётро зери хатар мегузоранд, ҳолати дигари душвори зиндагӣ. шаҳрвандро ба таври баромада наметавонад, аз ҷумла, оқибати садамаи истеҳсолӣ ва бемории касбӣ [10].

Корманди иҷтимоӣ шаҳрвандони ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ниёзмандро муайян мекунад, хусусият ва ҳаҷми кӯмаки заруририро муайян намуда, инчунин дар беморхонаҳо дар муассисаҳои тиббӣ, қабули хидмат аз ҷониби муассисаҳои ғайристатсионарӣ ва статсионарӣ мусоидат менамояд. Мақомоти ҳифзи иҷтимоиро дар бораи гирифтани имтиёзҳо ва имтиёзҳои иловагӣ маслиҳат медиҳад [9].

Мушкилоти иҷтимоии эҳтиёҷмандоне, ки корманди иҷтимоӣ ҳал менамояд, аз гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ-демографии ба он таъллуқдошта вобастагии зич доранд. Мушкилотҳои калонсолон, пиронсолон ва нафақахӯрон ба худ хусусиятҳои хос доранд. Мушкилоти шахсони камбизоат, шахсони бекасу танҳо ва маъюб ба шакли ба худ хос зоҳир мегарданд. Кӯдакон нисбатан заиф, вобаста ва дастнигар мебошанд, иҷтимоишавии онҳо ба ихтиёри дигарон аст, хатари ба зӯроварии калонсолон

гирифтор гаштани онҳо эҳтимолияти зиёд дорад [8].

Кори иҷтимоӣ бо яке аз илмҳои қадимтарини тарбиявӣ - илми педагогика, махсусан педагогикаи иҷтимоӣ алоқамандии зич дорад [1].

Педагогикаи иҷтимоӣ роҳҳои иҷтимоишавии кӯдакон, имчунин кӯдаки дорои имконияти маҳдуди иҷтимоӣ доштаро ба малакаҳои имконпазир ва асосии иҷтимоӣ нишон медиҳад, то барои ӯ муҳити ҳаёти маиширо мутобиқ намояд, барои зиндагии мустақилона ва бехатар, барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои худ, таҳлили рафтор ва фаъолият ва дарку қабули хайрхоҳонаи мақоми худу атрофиён коррексияи педагогӣ мегузаронад. Дар кори иҷтимоии муосир ва педагогикаи иҷтимоӣ хусусияти асоси методологии ҳамин фанҳо ба шумор рафта, низоми ақоидеро фаро мегирад, ки онҳо дар заминаи таълимот дар бораи табиати фитрии инсон ва арзишҳои инсонӣ ба монанди маънои ҳаёт, мақсади ниҳоии инсон ҳамчунин фаъолияти иҷтимоии ӯ ҳамчун арзиш, рушд кардаанд [1].

Баъдан ҳар як корманди иҷтимоӣ вазифаи иҷтимоӣ – педагогиро иҷро менамояд. *Вазифаи иҷтимоӣ-педагогии корманди иҷтимоӣ* ба маънои васеи ин калима фаъолияти корманди иҷтимоӣ ва педагоги иҷтимоӣ оид ба ташаккул додани бартарияти таъсири тарбиявии мақсадноки низоми иҷтимоӣ ба рафтор ва фаъолияти мизоҷ мебошад. Ба маънои маҳдуд вазифаи иҷтимоӣ-педагогӣ ошкор намудани манфиату талаботҳои одамон дар намудҳои гуногуни фаъолият (фарҳангӣ- фароғатӣ, варзишӣ-солимгардонӣ, эъҷодиёти техникӣ ва бадеӣ, сайёҳат ва ғайра.) ва барои бо онҳо кор кардан ҷалб намудани ташкилотҳо, муассисаҳо, иттифоқҳои эъҷодӣ ва ғайраҳоро ба назар дорад. *Дастгирии педагогӣ* - ба ёрии муҳофизатӣ ва фаврии кӯдакон, ҷавонон ва оилаҳо нигаронида шудааст, ки тавассути ба онҳо расонидани иттилооти иҷтимоӣ- педагогӣ, гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ ва маслиҳатҳои муфид ба амал бароварда мешавад [10].

Корманди иҷтимоӣ ва ё педагоги иҷтимоӣ бояд махсусияти муошаратро бо шахсони дорои имконияти маҳдудро хуб донад, хусусиятҳои ӯро амиқ омӯхта, муносабати ӯро бо муҳити атроф низ хуб донад. Бояд онҳо тавонанд, ки бо кӯдак муомила карда тавонанад, робитаи ҳамешагӣ дошта бошад, барои кӯдак шароити хуби омӯзишу фаъолият созмон диҳад, бояд ҳамеша ботаҳаммул бошад, ҳуқуқи кудакони лаёқатманд ҳамеша мусоидат кунад, барои татбиқи имконоти зеҳниву ҷисмонии кӯдак шароит фароҳам оварад [1].

Оъекти фаъолияти касбии мутахассис дар соҳаи кори иҷтимоӣ: шахсони алоҳида, оилаҳо, гурӯҳҳои аҳолӣ ва ҷомеаҳое мебошанд, ки ба дастгирии иҷтимоӣ, кӯмак, ҳимоя ва хидмат ниёз доранд, ташкилот, идора ва соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, ташкилотҳои гуногуни ҳуқуқӣ, гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ва шахсони алоҳидаи эҳтиёҷманд ба ёрии иҷтимоӣ, ҳифз ва хизматрасонии иҷтимоӣ, муассисаҳои таҳсилоти и миёнаи умумӣ ва махсуси таълимӣ, ки ба кори иҷтимоӣ равона шуданд [4].

Фаъолияти касбии мутахассиси кори иҷтимоӣ иборат аст аз: фаъолияти ташкилӣ-маъмурӣ, фаъолияти тадқиқотӣ-амалӣ, гузаронидани кори мушоҳидавӣ ва таҷрибавӣ дар муассисаҳои иҷтимоии давлатӣ ва ғайридавлатӣ [6].

Хатмкунанди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ. бояд талабот ва вазифаҳои касбии зеринро мутобиқ бо намудҳои фаъолияти касбӣ ва самтияти соҳа ҳаллу фасл намояд: фаъолияти тадқиқотӣ-амалӣ, ташхис, ояндабинии равандҳои иҷтимоӣ ва падидаҳо дар соҳаи кори иҷтимоӣ, омодасозии лоиҳаҳо дар заминаи фаъолияти хадамоти иҷтимоӣ, ташкили татбиқнамоии лоиҳаҳо ва барномаҳои иҷтимоӣ [2].

Фаъолияти ташкилӣ-маъмурӣ корманди иҷтимоӣ:

– таъмини сарчашмаи иттилоотии корҳои иҷтимоӣ: кори маъмурӣ дар қисматҳои идораҳои иҷтимоӣ ва хизматӣ, иштирок дар мутобиқатсозии корҳои иҷтимоии ташкилотҳои гуногун, идораву муассисаҳо, корҳои кадрӣ дар мақомотҳо ва идораҳои иҷтимоӣ, корҳои таҷрибавӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ, роҳнамоӣ, миёнаравӣ ва маслиҳатдиҳӣ;

Корманди иҷтимоӣ бояд салоҳияти умумифарҳангии зеринро бояд доро бошад:

– малакаҳои муносибати байни шахсӣ;

– донишҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва истифодаи он дар фаъолияти касбӣ;

– тарафдори тарзи ҳаёти солим, нигаронидани сатҳи зарурии омодагии ҷисмонӣ, барои фаъолияти бошууронаи касбӣ;

– қобилиятнокии истифодаи донишҳо дар амалия;

– қобилияти дарёфти донишҳои нав, бо истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ;

– қобилияти фаҳмиши моҳият ва аҳамияти иттилоот дар рушди ҷомеаи муосир, риояи талаботи асосии бехатарии иттилоот, аз ҷумлаи ҳифзи манфиат ва афзалияти давлатӣ;

– маҳорати пайдо кардан, таҳлил намудан ба коркарди матни иттилооти илмӣ;

– омодагии бунёдӣ аз рӯи асосҳои донишҳои касбӣ ва омода будан барои истифодабарии он дар фаъолияти касбӣ;

– малакаҳои кор бо компютер;

– донишҳои асосӣ дар соҳаи информатика ва технологияи муосири иттилоотӣ, малакаҳои истифодаи воситаи барномавӣ ва малакаи кор дар шабакаи компютерӣ, маҳорати таъсиси хазинаи маълумотҳо ва истифодаи захираи Интернет:

– қобилияти иртиботии хаттӣ ва шифоҳӣ бо забони тоҷикӣ;

– азхудкунии усулҳои асосии ҳифзи кормандони истеҳсолӣ ва аҳолӣ аз эҳтимолияти оқибати садама, фалокат, офати табиӣ;

– усулҳои идоракунии равандҳои технологии кори иҷтимоӣ дар муассисаҳои иҷтимоии ба талаботи стандартҳо ҷавобгӯро таъмин мекунанд;

– усулҳои гузаронидани таҷрибаҳои стандартии хизматрасонии иҷтимоӣ;

– усулҳои иҷрокунии назорати иҷтимоӣ, таҳияи ҳуҷҷатгузорӣ оид ба иҷрои интизоми технологӣ дар шароити мавҷудаи муассисаҳои иҷтимоӣ;

– усулҳои таҳлили сабабҳои пайдоиши нуқсҳо ва бесифатии хизматҳои иҷтимоӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои пешгирии онҳо;

– усулҳо ва васоити тадқиқи назариявӣ ва таҷрибавии равандҳои технологии офиятбахшии иҷтимоии истифодабарандаи хизматҳои иҷтимоӣ;

– усулҳои таҳияи барномаҳои офиятбахшии иҷтимоӣ [3].

Бояд қайд намуд, ки мақсади асосии корманди иҷтимоӣ ташкил намудани шароити муносиби иҷтимоишави (сотсиализатсия)-и шахс мебошад. Минбаъд ба таври мушаххас ин мақсадҳо дар мундариҷаи кори иҷтимоӣ, ки доираи вазифаҳои асосиии касбӣ (мутобиқгардонии иҷтимоӣ, пешгирӣ, офиятбахшӣ, ресотсиализатсия (иҷтимоишавии такрорӣ) ва химатрасонии иҷтимоӣ)-ро вобаста ба муносибатҳои субъектҳо ва объектҳои кори иҷтимоӣ муайян менамояд, инъикоси хешро ёфтааст. Вобаста ба мазмун функсияҳои кори иҷтимоиро ба комуникативӣ, ташкилотчигӣ, ояндабинӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ, пешгиринамоӣ-ташхисӣ, пешгиринамоӣ, офиятбахшӣ, иҷтимоӣ-терапевтӣ ҷудо менамоянд [6].

Дар самти вазифаи корманди иҷтимоӣ Бочарова В.Г., Филонов Г.М. чунин қайд намудаанд: «Вазифаи ислоҳотии корманди иҷтимоӣ – тағйирот созанда дар низоми иҷтимоӣ ва низоми таъминоти рӯзгори инсон» дониста мешавад.

Ҳамзамон, бояд зикр кард, ки касб ва ё мутахассиси кори иҷтимоӣ дар давоми даҳсолаи наздик ба мисли касбҳои духтур ва муаллим оммавӣ мегардад, зеро пешгирии бемориҳои иҷтимоӣ нисбати мубориза бо эпидемияҳои иҷтимоӣ каме осонтар аст. Имрӯз кори иҷтимоӣ ба як намуди фаъолият ва як самти сиёсати иҷтимоии давлат табдил ёфтааст. Дар баробари ин инкишоф додани соҳаи кори иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ки хеле соҳаи тахассусӣ ҷавон буда, зинаҳои аввали барқароршавии худро аз сар гузаронида истодааст, яке аз самтҳои афзалиятнок дар сиёсати иҷтимоии давлат мебошад [1].

**Хулоса.** Корманди иҷтимоӣ аз як тараф ба ҳалли мушкилоти ҳамин лаҳзаинаи инсон равона шуда, аз ҷониби дигар ҷомеаро аз мушкилоти иҷтимоии сатҳи миллидошта (бемориҳо, бекорӣ, афзудани шаклҳои гуногуни рафтори девиантӣ) огаҳӣ ва дар як вақт кӯмаки амалӣ менамояд, Яъне корманди иҷтимоӣ ба сифати ҳам равоншинос, ҳам ҷомеашинос, ҳам педагог, ҳам духтур ва ҳам ҳуқуқшинос амал мекунад.

## АДАБИЁТҲО

1. Бочарова В.Г. Педагогика социальной работы - М: 1994.

2. Социальная работа. Введение в профессиональную деятельность. Учебное пособие. –М., 2005.

3. Социальная работа: Учебное пособие/ Е.И. Холостова. -7-е изд. –М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К», 2010.

4. Социальная работа: теория и организация: пособие для студентов вуза/П.П.Украинец, С.В. Лапина, С.Н. Бурова и др.; под ред. П.П. Украинец, С.В. Лапиной. -2 –е изд. – Минск: ТетраСистемс, 2007.

5. Социальная деятельность как система Фофанов В.В.-1981

6. Ляшенко А.И. Профессиональное становление социального работника. –М.: Наука, 1995.

7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябри соли 1994).

8. Кори иҷтимоӣ бо гуруҳҳои гуногуни аҳолӣ: Н.Ф. Басов.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», 5 январи соли 2008, таҳти №359.

10. Фарҳанги энсиклопедии кори иҷтимоӣ. - Душанбе, 2010.

**REFERENCES**

1. Bocharova V.G. Pedagogy of social work - M: 1994.

2. Social work. Introduction to professional activity. A tutorial. - M., 2005.

3. Social work: Teaching aid/E.I. Kholostova. -7-e izd. - M.: Publishing and trading corporation «Dashkov and K», 2010.

4. Social work: theory and organization: help for university students/P.P.Ukrainets, S.V. Lapina, S.N. Burova and others; under ed. P.P. Ukrainets, S.V. Lapinoy. -2 -e izd. - Minsk: TetraSystems, 2007.

5. Social activity as a system Fofanov VV-1981

6. Lyashenko A.I. Professional status of a social worker. - M.: Nauka, 1995.

7. Constitution of the Republic of Tajikistan (November 6, 1994).

8. Social work with different population groups: N.F. Basov.

9. Law of the Republic of Tajikistan "On social services", January 5, 2008, under No. 359.

10. Encyclopedic culture of social work. - Dushanbe, 2010.

## ВЫВОДЫ

**Ш.М. Рахмонов**

## ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ, ПОЛНОМОЧИЯ ОРГАНА ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ И СОЦИАЛЬНЫХ РАБОТНИКОВ

**Цель исследования**. Изучение деятельности социального работника, полномочий уполномоченных государственных органов в сфере социального обслуживания и специалистов по социальной работе.

**Материал и методы исследования**. Изучение правовых норм, регулирующих деятельность специалиста социального работника, полномочий уполномоченных государственных органов, изучение трудной жизненной ситуации людей с ограниченными возможностями, одиноких пожилых людей, многодетных матерей, детей-сирот, лиц с тяжелыми психическими расстройствами, социально-педагогическая задача социального работника и объект профессиональной деятельности специалиста по социальной работе.

**Результаты исследования и их обсуждение**. Как вид социальной деятельности специалиста социального работника направлен на улучшение состояния деятельности человека (различных видов заболеваний), улучшение условий его жизни, обеспечение эффективной деятельности и социального действия, координацию системы социальных отношений в семье, коллектива и общества в целом.

Изучались социальные услуги бытовой, медицинской, культурной, образовательной, правовой, реабилитационной и социальной адаптации лиц с ограниченными возможностями и пожилых людей.

**Выводы**. Результаты исследования показали, что деятельность социального работника направлена на решение проблем данного человека, с одной

стороны, а с другой стороны, на осведомленность общества о социальных проблемах национального общества (болезни, безработица, помощь людям с ограниченными возможностями, рост различных форм девиантного поведения) и одновременно оказываемую практическую помощь. Также социальный работник выступает в роли психолога, социолога, педагога, врача и юриста.

**Ключевые слова**: социальный работник, специалист по социальной работе, компетентность, люди с ограниченными возможностями, пожилые люди, трудная жизненная ситуация, социальные гарантии.

**УДК: 618.1-089**

**Холова С.Х., Хушвахтова Э.Х.**

## РОЛЬ ОНКОМАРКЕРОВ В ДИАГНОСТИКЕ ЖЕНЩИН С ДОБРОКАЧЕСТВЕННЫМИ НОВООБРАЗОВАНИЯМИ ЯИЧНИКОВ

**ГУ «Таджикский научно-исследовательский институт акушерства, гинекологии и перинатологии» МЗ и СЗН РТ.**

**Холова Саноатой Холовна** - старший научный сотрудник гинекологического отдела ГУ «Таджикский научно-исследовательский институт акушерства, гинекологии и перинатологии» МЗ и СЗН РТ. E-mail: Sanoatoy.kholova@mail.ru; тел: (+992) 900588812

***Цель исследования.*** *Изучение роли онкомаркеров в исследовании женщин с доброкачественными новообразованиями яичников и выявление наиболее значимые прогностические критерии диагностики.*

***Материал и методы исследования:*** *В исследование были включены 327 женщин, находившихся под наблюдением в консультативно-диагностической поликлинике ГУ «Таджикский научно-исследовательский институт акушерства, гинекологии и перинатологии», а также госпитализированные в гинекологическое отделение института. Из них: основная группа - 177 (54,1%) женщин с доброкачественными образованиями яичников группа сравнения – 107 (32,7%) женщин с опухолевидными образованиями яичников, контрольная группа – 43 (13,2%) здоровых женщин.*

***Результаты исследования и их обсуждение.*** *Проанализировав результаты 80 проб сывороток крови у пациенток с доброкачественными образованиями яичников и 54 - у больных с опухолевидными образованиями яичников на онкомаркер СА-19,9 установлено, что концентрация данного антигена находилась в пределах референсных показателей: 23,9±1,37 МЕ/мл и 19,2±1,17 МЕ/мл, соответственно. Полученные данные имели статистически значимые различия (p<0,01) от аналогичных показателей женщин контрольной группы. Повышение концентрации СА-125 выше референсных значений (35 МЕ/мл) имело место у 4 (17,4 ±7,1) из 23 пациенток с эндометриоидными кистами и у 3(13,0±7,0) из 23 больных дермоидными*